**Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146. E-mail: Olimov-1976@mail.ru, www.tajagroun.tj**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.**

То солҳои 90-уми асри гузашта деҳот ҳамчун мафҳум ва объекти ҷиддии таҳқиқоти илмӣ набуд. Дар беҳтарин ҳолат, онро бо ғояҳо дар бораи рушди кишоварзӣ иваз мекарданд. Аммо, мафҳумҳои «кишоварзӣ» ва «деҳот» ба ҳеҷ ваҷҳ синоним нестанд ва ҳатто бештар аз ин, онҳо ба ҳамдигар шабеҳ намебошанд. Дарк нанамудани ин, сифати назария ва амалияи таъсисёбии давлатдориро коҳиш дода, ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот низ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи ин мафҳум ҳатмӣ мебошад, ки он, алалхусус аз нуқтаи назари иқтисоди миллӣ метавонад дар ҳалли бисёр мушкилот, дар роҳи эҳёи деҳот ва ҳам кишвар низ саҳмгузор бошад. Аз замонҳои қадим байни шаҳр ва деҳот чӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва чӣ фарҳангӣ – иҷтимоӣ фарқият вуҷуд дошт ва одамон ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки ин фарқиятҳоро тағйир ё то ҳадди имкон коҳиш диҳанд. Дар ин самт нақши муҳимро худи сокинони деҳот ва ҳам дар маҷмӯъ давлат мебозад, ки омӯзиши ҷиддӣ, пайдоиш ва дар ин замина қабул кардани пешниҳодҳои мувофиқ ва илман асоснокардашударо талаб менамояд, ки онҳо ба ноил гаштани ин раванд мусоидат кунанд ва шароитҳои лозимаро фароҳам оранд. Дар умум, қайдҳои зикргардида, мубрамияти мавзуи рисолаи мазкурро исбот менамояд.

Дар автореферат, докторанти фалсафа оид ба меъёрҳои иҷтимоӣ – иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро бо се омили асосии таъсиррасон муайян намудааст, ки ба воситаи онҳо идора ва дигаргуншавиашонро арзёби намудан мумкин аст, муайян намудааст. Инчунин, ин нишондиҳандаҳоро ҳамчун маҳакҳои асосии муайянкунандаи сатҳи рушд тавсия кардааст, ки бо ин васила муайян, тағйир, амалӣ гардони ва пешгӯӣ намудани рушд ва самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳот имконпазир мегардад ҷадвали 1, ки ҷолиби диққат мебошад.

Муаллиф барои рушди ояндаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва дастрасии аҳолии он ба сатҳи баланди зиндагӣ, ҳавасмандии онҳо ба ободонии диёри худ, баҳри қавитар намудани шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва ташкилотҳои махсуси соҳавие, ки ба беҳтар гаштани ҳолати инфрасохтори иҷтимоии он ва самаранокии захираҳои меҳнатӣ оварда мерасонад, фаъолияти фонди «МАНЗИЛ» пешниҳод менамояд, расми 4. Ба ақидаи унвонҷӯ, фаъолияти фонди «МАНЗИЛ» асосан барои таъмини аҳолӣ, хусусан мутахассисони ҷавон бо манзили истиқоматӣ дар деҳоти НТҶ

мушкилотҳо оид ба норасоии манзили зист (мувофиқи меъёри санитарӣ – гигиенӣ иҷтимоӣ пешниҳод гашта), ҳавасмандии соҳибкасбони ҷавон, ҷолибияти ҳаёти деҳот, дастраси ба сатҳи баланди зиндагӣ ва самаранокии онҳо саҳм мегузоранд, ки дар натиҷа рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот таъмин ва фарқияти байни шаҳру деҳот коҳиш меёбад.

Хулоса ва тавсияҳои оварда шуда, натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаро дар бар мегирад.

Вале автореферати диссертатсия дар қатори дастовардҳо аз камбуди холӣ нест.

1. Ба назари мо, беҳтар мебуд, агар муаллиф сабабҳои фарқияти сармоягузориро байни водиҳо: водии Ҳисор ва водии Рашт васеътар омӯхта пешниҳод менамуд.

Вале, камбудии қайдшуда, қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад. Дар маҷмуъ автореферати мазкур, таҳқиқоти ба анҷомрасида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави мушкилоти таҳқиқшаванда мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» тибқи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он, сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - аз рӯйи ихтисоси 6D050605 - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, мебошад.

н.и.и., декани факултети
баҳисобгирию иқтисодии
ДБССТ                                        Ғуломов З.Т

20.03.2026

**Суроға:**
*734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5,*
*Тел: +992902626276; +992(37) 234-88-02; +992(37) 234-88-24*
*E-mail: info@iutet.tj*

Имзои н.и.и., Ғуломов З.Т - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБССТ                                        Ҷураев Ш.Н